# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих)**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ ба масъалаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои шуравӣ бахшида шудааст ва аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ мубрам маҳсуб меёбад.

Дар низоми алоқаи аввали асри XX дар Тоҷикистон низ таҷҳизот ва технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа истифодаи алоқаи муосири моҳворай барои рушди минбаъдаи он имкониятҳои навро ба миён овард. Аз ин рӯ таҳлили муқоисавии таърихи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа, истифодаи таҷрибаи Тоҷикистони Шӯравӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол дар партави муносибати нав ба омӯзиши таърих, вақте ки таъсири идеология ба баҳодиҳии воқеаҳои мушаххаси таърихӣ ва равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надорад, барои инъикоси таърихи пайдоиш ва инкишофи он имкониятҳои нави объективӣ фароҳам меоварад.

Омӯзиш ва хулосаи таҷрибаи мусбати таърихӣ ва ошкор намудани падидаҳои манфӣ дар масъалаи тадқиқшаванда на танҳо ба шиносоӣ, балки ба рушди минбаъдаи шабакаи алоқа дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат мекунад. Дар робита ба ин, мубрамияти мавзуъ дар он асоснок карда мешавад, ки дар тӯли якчанд даҳсола дар илми таърихи ватанӣ ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа одатан ба таври истисноӣ бо тавсеаи воситаҳои нави техникӣ тафсир карда мешуд. Дар ҳақиқат чорабиниҳо доир ба рушди воситаҳои алоқа дар давраи тадқиқотӣ дар вилояти Хатлон доман паҳн карда, аз ҳама зиёд самти иҷтимоию иқтисодӣ дошта, сипас ҳамчун падидаи махсус ифода ёфтааст.

Дар давраи таҳқиқшаванда, таҷрибаи азнавсозӣ, ташаккул ва рушди

воситаҳои алоқа на танҳо намунаҳои зиёди қаҳрамонии меҳнатӣ ва фидокорӣ, балки тасмимҳои ҷасурона ва асосии муҳандисию техникиро тавлид карданд. Дар ин робита, дар давраи таҳқиқшаванда дар вилояти Хатлон дар соҳаи рушди воситаҳои алоқа таҷрибаи муайяне андӯхта шудааст, ки ҳам ҷанбаи мусбӣ ва ҳам ҷанбаи манфӣ дорад. Аз ин рӯ, дар кори диссертатсионӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва маводи зиёд таҷрибаи бузурги таърихии рушди давлатии воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон дар солҳои 1924 – 1991 – и қарни XX хулоса карда мешавад.

Омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои шуравӣ аҳаммияти махсусро пайдо намудааст. Вобаста ба ин масъала рисолаи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич ба мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» бахшида шудааст, ки дорои мубрамии хос мебошад. Мавзуъ хусусиятҳои муҳимми назариявию амалӣ дошта, муаллиф дар таҳқиқи он методҳои муқоисавию таърихӣ, равиши системавӣ, таҳлили сохториву корбурдӣ ва таҳлили донишҳои таҷрибавиро истифода намудааст.

Ба навиштаи диссертант рушди соҳаи алоқа, мушкилоти соҳа, ҳодисаҳои сиёсии бавуҷудомада ва пайомадҳои он барои соҳа дар мисоли минтақаи Хатлон аз нуқтаи назари илмӣ – муқоисавӣ таҳлил гардида, давраҳои инкишофи он зина ба зина нишон дода шудааст.

Аҳаммияти илмии мавзуи мазкур дар нуқтаҳои зерин инъикос мегардад, рушди соҳаи воситаҳои алоқа дар мисоли яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил гардида, саҳифаҳои таърихи он оид ба рушди алоқаи муосир дар солҳои бистуми асри XX мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар ин асос, муаллифи рисола таъкид мекунад, ки бори нахуст таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои таърихии инкишофи соҳаи воситаҳои алоқа мавриди омӯзиш қарор гирифта, алоқамандии он аз системаи сиёсӣ, сохтори идорӣ ва алоқамандӣ бо илм нишон дода шудааст

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки диссертант бори нахуст оиди таҳқиқоти ташаккул ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои шуравӣ вижа ва муфассал анҷом додааст. Бо вуҷуди он, ки ин масъала дар чандин асару мақолаҳои дорои хусусияти умумӣ то андозае баррасӣ шудааст, вале таҳқиқоти алоҳидаи он дар доираҳои илмӣ ва махсуси таърихӣ сурат нагирифтааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводи гуногунмазмуни таҳлилӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳое, ки дар он оварда шудаанд, то андозае масъалаҳои таърихи рушди соҳаи воситаҳои алоқаро дар мисоли яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи рисолаҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои таърихи халқи тоҷик ва муаррихон, инчунин курсҳои махсус ва мақолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсия аз муқаддима, рӯйхати ихтисорот, ду боб, чор зербоб, хулоса, номгӯйи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Сохтори рисола низ дуруст ва мантиқӣ тартиб дода шуда, мазмуну мундариҷаи мавзуъро бо тамоми масъалаҳои ба он алоқаманд ифода менамояд. Дар муқаддима аҳаммияти масъалаи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши илмӣ, объект ва предмети тадқиқот, асоси сарчашмавӣ, мақсад ва вазифаҳои омӯзиши мавзуъ муайян карда шудаанд. Илова бар ин, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, навгонии илмӣ ва доираи татбиқи амалии натиҷаҳои он нишон дода шудааст.

Дар боби аввал «Ташаккул ва рушди корхонаҳои алоқаи почта ва радио дар вилояти Хатлон», ки аз ду зербоб иборат аст, муаллиф тағйиротҳоро ҳангоми рушди муассисаҳои почта ва радио мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Зербоби аввал – «Ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта дар ноҳияҳои вилояти Хатлон» номгузорӣ гардида, оиди пайдоиш,

ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки бо инкишофи шабакаи почта дар ноҳияҳо вазъи маданию фарҳангии аҳолӣ боло рафт.

Дар зербоби дуюми боби аввал, ки «Таъсис ва фаъолияти шабакаҳои радио дар вилояти Хатлон» номгузорӣ шудааст, фаъолияти шабакаҳои радио дар давраи солҳои шӯравӣ инъикос гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар қаламрави Тоҷикистон то инқилоби Октябр радиоалоқа тамоман вуҷуд надошт. Танҳо бо шарофати инқилоб дар ин гӯшаи кӯҳистони тоҷик воситаҳои алоқа рушд ёфт. Барои дар вазъи душвори ҷуғрофӣ ҷойгир будани ҷумҳурӣ рушди радиоалоқа аҳамияти махсус дошт.

Аз мазмуни зербоб бармеояд, ки бо оғоз гардидани фаъолияти шабакаҳои радио дар вилояти Хатлон шароити маишӣ-мадании меҳнаткашон рушд намуд.

Боби дуюми диссертатсия - «Инкишофи алоқаҳои телеграф ва телефон дар вилояти Хатлон» аз ду зербоб иборат аст, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи рушди шабакаҳои алоқаҳои телеграфу телефон бахшида шудааст.

Зербоби аввали боби дуюм – «Нақши телеграф ҳамчун воситаи алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят» номгузорӣ гардида, оиди пайдоиш, ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи телеграф таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

Муаллиф қайд менамояд, ки соли 1922 Идораи ҳарбии алоқаи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ташкил карда шуд. Дар назди идораи нав шуъбаи алоқаи телеграф таъсис дода шуд. Барои рушди алоқаи телеграф сад ҳазор рубл ҷудо карда шуда буд. Ҳамин тариқ, он солҳо корхонаҳои воситаҳои алоқа бевосита ба идораи ҳарбӣ тобеъ мешуданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Таъсис ва инкишофи алоқаи телефонӣ» масъалаҳои рушди телефон инъикос ёфтааст. Рушди алоқаи телефон дар Тоҷикистон баъди ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон, моҳи октябри соли 1924 оғоз гардид. То ин давра дар қаламрави Тоҷикистон алоқаи телефонӣ тамоман вуҷуд надошт.

Ба навиштаи диссертант дар соли 1924 Душанбе тавассути чор хатти телеграф пайваст буд. Соли 1927 корҳо оид ба таҷҳиз ва насби дастгоҳҳои телефон, инчунин алоқаи телефонӣ дар асоси сими телеграф дар масирҳои Тоҷикистон ба итмом расонида шуданд.

Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дастоварду норасоӣ ва мушкилоти соҳаи алоқа ба таври дақиқ натиҷагирӣ шуда, тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи фаъолияти воситаҳои алоқа пешниҳод шудаанд, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳамзамон, паҳлуҳои таҳқиқнашудаи масъаларо барои пажӯҳишгарони риштаҳои дигар илмҳо пешниҳод намудааст.

Умуман, масъалаҳои инкишофу ташаккули минбаъдаи алоқаҳои телеграфӣ ва телефонӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки рушд ва ташаккули воситаҳои алоқаҳои телеграфу телефонӣ ба тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ва сиёсату фарҳангии минтақаи омӯзиш таъсири калон расонид. Бинобар он дар шабакаи воситаҳои хабаррасонӣ алоқаи телефону телеграф ҷойи муҳимтаринро ишғол мекунанд. То инқилоб дар Тоҷикистон хатти алоқа вуҷуд надошт. Маҳз ташаккули алоқаҳои телеграфӣ ва телефонӣ яке аз омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи таҳқиқишаванда гардид.

Хулосаҳои асосии муаллиф тавассути нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ва

маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ асоснок гардидаанд.

Дар рисолаи диссертасионии мазкур сарфи назар аз бартариҳои зикршуда камбудиҳои зерин ба шарҳи муаллиф ниёз доранд:

1. Дар рисола оиди вазъи дигар воситаҳои алоқа (телевизион ва ВАУ) маълумот нест.

2. Муаллиф саҳми таҳқиқотчиёни тоҷикро оиди воситаҳои алоқа камтар инъикос намудааст.

3. Дар диссертатсия баъзе аз камбудихои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад.

4. Дар баъзе саҳифаҳо дастгоҳи илмӣ таҷдиди назар мехоҳад.

Камбудиҳои зикршуда арзиши рисоларо коҳиш намедиҳад. Дар маҷмуъ, сохтор ва дастгоҳи илмию техникии рисола тибқи талаботи КОА тартиб дода шудааст.

Дар хулоса муаллиф аз пажуҳиши худ натиҷагирӣ карда, бо чанд пешниҳоди ҷолиб кори хешро ҷамъбаст намудааст. Ҳамин тавр, кори анҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гашта, маводи наверо пешниҳоди аҳли илм кардааст. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф аксар қобили қабул буда, истифодаи онҳо дар амал ба манфиати кор мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат мекунад. Рисолаи диссертатсионӣ мустақилона иҷро шуда, тадқиқоти анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) мувофиқ аст.

Кори диссертатсионии Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ,**
**декани факултети таърих ва ҳуқуқи**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор** **Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
тел.: + 992 934722778; E-mail: ahmad0401@mail.ru

Имзоҳои доктори илмҳои таърих,
дотсент А. Қ. Ҳусайновро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

“2” феврали **соли 2023**